## ТАҚРИЗ. КИТОБИЁТ
## ОБЗОРЫ. РЕЦЕНЗИИ
## SURVEYS. REVIEWS

*ТДУ 82*
*DOI:10.51844-2077-4990-2023-3-272-278*

# *ДАР ШИНОХТИ НАҚДИ АДАБӢ ВА АДАБИЁТИ МИЛЛӢ*

***Нуров Нуралӣ Норович,*** *д.и.ф., директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ВОСПРИЯТИЕ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ И НАЦИОНАЛЬНОЙ ЛИТЕРАТУРЫ*

***Нуров Нурали Норович,*** *д.ф.н., директор Научно-исследовательского института гуманитарных наук ГОУ "ХГУ акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

# *PERCEPTION OF LITERARY CRITICISM AND NATIONAL LITERATURE*

***Nurov Nurali Norovich, d****octor of philological sciences, head of institute of social studies research under SEI "KSU named after acad. B.Gafurov"(Tajikistan, Khujand)*
***E-mail:****nurali@74mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Мисбоҳиддин Нарзиқул, нақди шеър, нақди адабӣ, нақди наср, нақди нақд, адабиёти миллӣ, роман,романи таърихӣ, шеъри нав*

*Мақола ба сурати тақриз ба китоби адабиётшиноси тоҷик Мисбоҳиддини Нарзиқул "Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир" навишта шуда, дар он арзиш ва аҳамияти китоб дар шинохти масоили нақди шеъру осори насри муосир ва нақди нақд муқаррар карда шудааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳлилу баррасии муҳтавои китоб ҷойгоҳи асарро дар таҳқ иқи таҳаввули роман дар адабиёти даврони истиқлол, анвои роман ва мақоми романи таърихӣ дар миёни онҳо, диду назари дигаргуна ба шинохти насри муосири тоҷик, нақду баррасии муҳимтарин осори насри имӯз муқаррар сохтааст. Баробари ин дар ин тақриз мавқеъ ва мақоми китоб дар маърифати шеъри имрӯз, рисолати шоирии устод Лоиқ Шералӣ ва сабкшиносии ашъори ӯ, масъалаҳои таҳқиқи анвои шеър, чун шеъри арӯзи озод ва нав, нақду баррасии шеъри шоирони ҷавон нишон дода шудааст. Муаллифи мақола ба хулосае расидааст, ки дар се бахши китоб муҳимтарин масоили нақди адабии муосир баррасӣ шуда, онро ҳамчун оинаи шинохти адабиёти миллии имрӯз муаррифӣ мекунанд.*

***Ключевые слова****: Мисбохиддин Нарзикул, критика поэзии, литературная критика, критика прозы, критика критики, национальная литература, роман, исторический роман, новая поэзия*

*Статья написана в форме рецензии на книгу таджикского литературоведа Мисбохиддина Нарзикула «Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир» («Исследования в поэзии, прозе и современной литературной критике»), утверждается значение и ценность книги в понимании проблем поэзии и произведений современной литературы В процессе анализа и рецензирования содержания книги автор установил место книги в изучении развития романа в литературе эпохи независимости, видов романа и места исторического романа среди них, представляется иной взгляд на восприятие современной таджикской прозы, а также обзор важнейших произведений современной прозы. Кроме того, в рецензии рассматриваются место книги М.Нарзикула в познании современной поэзии, поэтическая миссия Лоика Шерали и стилистика его стихотворений, вопросы исследования таких видов поэзии, как свободная и новая поэзия, дается критика поэзии молодых поэтов. Автор статьи пришел к выводу, что в трех разделах рецензируемой книги обсуждаются важнейшие проблемы современного литературной критики и представляются как зеркало восприятия современной национальной литературы.*

***Key words:*** *Misbohiddin Narzikul, poetry criticism, literary criticism, prose criticism, criticism of criticism, national literature, novel, historical novel, new poem*

*The article is written in the form of a review of the book of the Tajik literary critic Misbohiddin Narzikul "Quotes in poetry, prose and modern literary criticism", and also established the significance and value of the book in understanding the problems of poetry and works of modern literature. In the process of analyzing and reviewing the contents of the book, the author established the place of the book in studying the development of the novel in the literature of the era of independence, types of the novel and the place of the historical novel among them, a different look at the recognition of modern Tajik prose, as well as a review of the most important works of modern prose.In addition, this review*

*examines the place and status of the book in the knowledge of modern poetry, the poetic mission of Ustad Loik Sherali and the style of his poems, research issues of such types of poetry as free and new poetry, and shows reviews of the poetry of young poets. The author of the article came to the conclusion that three sections of the book discuss the most important problems of modern literary review and present it as a mirror of the recognition of modern national literature.*

Истиқлоли миллӣ барои аз ҳар ҷиҳат таҳаввул пазируфтани равандҳои адабиёти тоҷик, хоса тамоюлҳои ҷадид дар шеъри муосир ва сабку салиқа ва дарунмояи наср нақши муассир гузошт. Бавежа, имконоти фароҳамомада дар самти руҷуъ ба асолати миллӣ, омӯзиш ва табаҳҳур дар маърифати бештару фарохтари мероси классикӣ омил бар он гардид, ки дар матну батни адабиёти навини тоҷик низ гардиши куллӣ ба вуқуъ пайвандад. Нуфузи ҷараёнҳои нави шеъри ҷаҳонӣ дар қаламрави шеъри тоҷикӣ, вусъати анвои мухталиф, тақвияти ҷанбаҳои хоси тоҷикии он баҳри пешрафтҳои адабиёти муосир сабаб шуданд. Аз сӯи дигар, эътирофи дастовардҳои адабиёти миллии мо дар берун аз кишвар, тарҷума ва нашри осори суханварони муосири тоҷик ва дар канори ин нақду баррасии самараҳои ин адабиёт аз сӯи пажӯҳишгарони кишварҳои мухталиф бидуни тардид равандҳои пешқадам ва корномаҳои тозакоронаи аҳли сухани тоҷикро бо беҳтарин ваҷҳ шарҳу тафсир мекунанд.

Амри мусаллам аст, ки адабиёти пешқадам, раванди майлонҳои тоза, ибтикороти ҳунарӣ дар умум нақду баррасии онро дар ҳамон сатҳу дар ҳамон иртифоъ тақозо дорад. Ҳатто нақду назарҳои ҳам ҷой доштанду имрӯз ҳам доранл, ки агарчӣ адабиёти муосири тоҷик ба пешрафтҳои назаррас мувоҷеҳ аст, вале нақду таҳқиқи он пешқадам нест ва ҷавобгӯи санҷаву меъёрҳои шинохти маҷмуи ин ибтикорот ва тозакорҳои чашмрас намебошад. Ба ин андеша албатта билкул наметавон розӣ шуд, чун мурур ба равандҳои нақду баррасии шеъри имрӯз аз сӯйи ноқидон ва аҳли таҳқиқ ин амрро барои мо мусаллм мегардонад, ки ҳоло аз ҳар зовия дар шинохти арзишҳои адабиёти муосири тоҷик, бавежа шеъри имрӯз корномаҳои шоистае ба анҷом мерасанд ва нафароне зиёдеро аз чанд насли нақди адабии имрӯз метавон ном бурд,ки дар ин росто қадамҳои устувор гузошта, тамоюлҳои тозаи адабиёти имрӯзро мавриди пажуҳиш қарор медиҳанд. Доктори илмҳои филология, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқулро метавон дар шумори чунин адабиётпажуҳон ва ноқидони имрӯз ба шумор овард, ки дар ин арса корҳое назаррасеро бо биниш ва шеваи махсус ба анҷом мерасонад. Вусъати назар, диди хос ба шинохти адабиёт ва арзишҳои адабӣ дар тавсеаи тамоюлҳои пажуҳандагии ӯ таъсири матлуб гузоштааст, то ба назари фарох масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабиро дар меҳвари баррасиҳои илмии хеш қарор диҳад. Дар иртибот бар ин шеваи хоси нақду баррасӣ нуктае қобили афзуданист, ки солҳои охир як гуруҳ пажӯҳандагоне ба майдони нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ қадам мегузоранд, ки баробари таваҷҷуҳи амиқ бар шинохти масоили меҳварии адабиёти классикии тоҷик, арзишҳои ҳунарӣ, шохисаҳои сабкиву мавзуии осори гузаштагон дар нақди шеъри имрӯз ва ҷараёнҳои он иқдомоти шоён ба зуҳур мерасонанд. Ба таъбири дигар, доираи баррасиҳои илмии хешро танҳо ба яке аз ин равандҳо- ё адабиётшиносӣ ва ё нақди адабӣ маҳдуд накарда, бо фарогирии шеваҳои муқаддами шинохти адабиёт онҳоро дар таҳқиқи масоили марбут ба ҳарду ҷараён истифода мекунанд. Ба таъбири устод Абдунабӣ Сатторзода "Мисбоҳиддини Нарзиқул монанди намояндагони мактаби назариёти адабии профессор Шарифҷон Ҳусейнзода ҳам бо адабиётшиносӣ ва ҳам нақди адабӣ машғул аст" [ с.3]. Силсилаи осори арзишманди ӯ дар таҳқиқи мероси адаби намояндагони барҷастаи адабиёти гузаштаи мо дар сурати китобҳои ҷудогона ба нашр расидаву аз зовияи меъёру санчаҳои арзишдоварии донишмандони тоҷик баҳои сазовор гирифтаанд. Дар канори ин, аз оғози фаъолиятҳои адабпажӯҳӣ ба нақду баррасии падидаҳои нодири адабиёти муосири тоҷик, таъйини арзишҳо ва бурду бохти он машғул буда, бегумон аз фаъолтарин муаллифони нашрияи "Адабиёт ва санъат" ва "Садои Шарқ" бахши нақди адабӣ ба шумор меравад. Китоби "Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир" [1], ки бегумон ҳосили ҳамини хузури фаъоли ӯ дар нақди адабиёти муосир ба шумор меравад, дувумин китоб аз ин силсиланавиштаҳои ӯст, ки соли 2022 зери назари профессор Абдунабӣ Сатторзода дар ҳаҷми 404 саҳифа тариқи нашриёти "Аршам" ба чоп расидааст. Китоби аввали ӯ аз ин силсиланақдҳояш бо номи "Ҷойгоҳи сухан" дар соли 2006 интишор ёфта буд[2].

Мутолеаи китоби "Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир" ин нуктаро барои хонанда равшан месозад, ки масоили меҳварии таҳқиқи муаллиф дар се бахш- наср, назм ва нақд ҷараён гирифта, маҷмуан бар он 32 мақола ворид гардидааст. Аз шумораи умумии мақолот – 18 мақола дар бахши наср, 8 мақола дар қисмати назм ва 6 мақола дар нақд шомил

шуда, дар умум се бахши муҳими нақди адабии муосир- нақди наср, нақди шеър ва нақди нақдро фаро мегиранд.

Бахши аввали китоб ба нақду баррасии вежагиҳои мухталифи осори насрии адабиёти муосири тоҷик ихтисос ёфтааст. Тавре устод Абдунабӣ Сатторзода дар пешгуфтори китоб ишорат намудаанд, танҳо дар ин бахши китоб 32 роман дар адабиёти муосири тоҷик мавриди пажуҳиш ва нақду баррасӣ қарор гирифтааст[1,с.4], ки ин амр баробари ба вусъати мутолеа ва жарфои маърифати муаллиф ишорат намудан, таъкид бар ин амр ҳам менамояд, ки дар пажӯҳишҳои анҷомдодаи ӯ муҳимтарин масоили марбут ба таҳаввули навъи роман дар адабиёти даврони истиқлол, шохисаҳои муҳими жанрӣ, идомаи суннатҳои хоси романнависӣ, таҳаввули мавзуиву сабкӣ, вежагиҳои мутамоизи он, нуфузи ҳофизаи таърихӣ ва сарчашмашашигсоии руҷуъи нависандагон бар он ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Агарчӣ Мисбоҳиддини Нарзиқул дар як мақолаи ҷудогонаи хеш вазъи куллии ташаккули навъи роман ва романнависӣ дар адабиёти даврони истиқлоли миллиро мавриди баррасӣ қарор дода бошад ҳам, вале занҷираи пайванди масоили меҳварии мавриди таваҷҷуҳи мунаққид дар робита нақду баррасии вежагҳои сабкиву мавзуӣ жанри роман, ҳусну қубҳи корномаҳои эҷодии романнависони муосири тоҷик дар мисоли таълифоти адибоне чун Муҳаммадзамони Солеҳ, Абдулҳамид Самад, Сайидаҳмади Зардон, Раҷаб Мардон, Юнус Юсуфӣ, Мирзонасриддин, Ато Ҳамад ва Леонид Чигрин, Юсуф Аҳмадзода, Бахтиёр Муртазо ва дигарон дар чанд мақолаи дигар ба таври куллӣ пажуҳишҳои ӯро ҳамчун таҳқиқи мукаммале роҷеъ ба вазъи умумии инкишофи жанри роман дар адабиёти даврони истиқлол муаррифӣ менамоянд. Бар ин асос, нақду баррасии роман дар адабиёти муосири тоҷик аз ду зовия- таҳқиқ дар равандҳои умумии инкишофи он вобаста ба ҷараёни куллии адабиёти муосир ва нақду баррасии вежагиҳои румонҳои ҷудогона сурат гирифта,муштаракоте дар шеваи нақд дар ҳар ду равиш ба мушоҳида мерасад. Агар дар мақоли “Диди таърихии романнависони имрӯзи тоҷик” масъалаи ҳофизаи таърихӣ ва таҷассуми бадеи таърих дар насри имрӯз хати пайвнди масоили меҳварии таҳқикро муқаррар намояд, дар мақолаи “Роман дар адабиёти давраи пас аз истиқлоли Тоҷикистон” вежагиҳои куллии жанри роман, суннат ва навоварӣ дар ин навъи адабӣ нақши калидӣ касб кардаанд. Дар мақолаи аввал романҳои таърихии нависандагони тоҷик- “Девони Хуросон”-и Муҳаммадзамони Солеҳ, “Достони писари Худо”-и Сорбон, “Бармакиён”-и Равшани Ёрмуҳаммад, силсилаи чаҳоргонаи ““Асрори таърих”-и Ато Ҳамдам ва Леонид Чигрин, ки ба он “Шоҳроҳи Абрешим”, “Садди Суғд”, “Дар домани Тахти Сангин”, “Матонат”, “Куруши Кабир”-и Бароти Абдураҳмон нақду баррасӣ шуда, зимни пажуҳиши осори мазкур муҳимтарин вежагиҳои романҳои таърихӣ дар насри муосири тоҷик шарҳу тафсир ёфтаанд. Дар заминаи таҳқиқ дар муҳтаво, дарунмоя, сабки нигориш, ҷойгоҳи хоси диди таърихии адиб дар онҳо муҳаққиқ ба натиҷае мерасад,ки “асарҳое, ки дар мавзуи таърих ба қалами романнависони ҳамзамони мо офарида шудаанд, аз нигоҳи фарогирии мавзуъ ва тарзи тасвир ҳамгун нестанд, яъне мухтассоти худро доранд. Аммо байни онҳо гузашта аз иртиботи мавзуӣ, пайванди дигаре ҳам ба мушоҳида мерасад. Ба ин маънӣ, хатти умумии василаӣ ва паёми ягонае, ки дар лобалои романҳои таърихии мавриди баррасӣ қарордодаамон ҷой дошта, ҳамаи онҳоро ба ҳам мепайвандад, зинда гардонидани ҳофизаи таърихии миллат ва ба ин василa ҳушдори ҷомеа ва ибрат аз таърихи гузашта мебошад”[ 1,с.33].

Дар мақолаи дувуми марбут ба таҳқиқ дар романи имрӯз бошад 16 романи муосир нақду баррасӣ шудаанд,ки аз вусъати масъалгузорӣ, шинохти арзишҳои адабӣ, тамоюлҳои эҷодӣ ва дар умум фарогири фазои куллии вазъи романнависӣ дар адабиёти имрӯз дар он паём мерасонанд. Бар ин асос, ки романҳои мазкур аз муҳтаво ва мундариҷаи мухталиф, мавзуоти муайян, сабки иншои ба худ хос, паёмҳои махсус ба диду назар ва тафаккури муаллифони он фароҳам омадаанд, муаллиф ин осорро низ бо шеваи хоси худ вобаста ба ин махсусиятҳои онҳо нақду баррасӣ намуда, арзишҳои адабиву ҳунарӣ, тавфиқи нависандагони онҳоро дар тарҳи масъалагузорӣ ва ҳаллу фасли муаммоҳо, сабки иншо баён ва дар баробари ин костагиҳои забониву сабкӣ ва навоқиси дигари онҳоро низ шарҳу тафсир кардааст.

Мусаллам аст, ки дар шинохти наср дар ҳама давру замон забонро яроқи асоси нависанда унвон кардааст, зеро маҳз забон ва доираи имконоти забонӣ ба адиб имконият медиҳад, ки вусъати фикр, тасвири воқеияти зиндагонӣ, аносири сувари хаёл, диду водид, бардошту маърифати хешро аз рӯзгор ба қалами тасвир даровaрда, бандубасти мувофиқи мақсади асари бадеиро таъмин намояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи амиқи вежагиҳои забонии романҳои мазкур дар пажуҳишҳои Мисбоҳиддини Нарзиқул воқеъбинонаву мушикофона сурат гирифтааст, зеро дар

баробари муваффақиятҳои нависандагони мо дар тарҳи баёни матолиб,орояҳои забонӣ бурбу бохти онҳоро дар амри риояти таносуби калом, истифодаи бомавриди вожагону таркибҳо, мантиқи сухан низ изҳор намудаст, ки аз нақду баррасиҳои амиқ ва баёни мулоҳизот дар доираи санҷаҳои хоси суханвариву нависандагӣ дарак медиҳанд. Ноҷо ба кор рафтани вожагони "ҳадс" "бинни" ва номувофиқ омадани тасвири тавассути миёнбанди зери қабои каси дигар дастуруй пок кардани Амир Наср дар романи "Девори Хуросон", ба сурати қобили қабул набудаи аваз истифода шудани вожаи "иваз" "Ниҷот ё наҷот" ба ҷои "нажод" дар "дерёзид" ба маънии дароз кард дар романи "Достони писари Худо"-и Сорбон, дар ҷои худ истифода нашудани вожаи самоъ дар романи "Ишқи Рӯдакӣ"-и Равшани Ёрмуҳаммад ки аз ҷониби муаллиф таъкид шудаанд, нақди воқеъбинонаи ӯро бозгӯи мекунанд, ки ҳамагӣ ба манфиати муаллифони осори мазкур ва ҷиҳати такмили ҷанбаҳои забонии романҳои мазкур изҳор гардидаанд.

Баробари ин ҳарчанд иншои роман ба аркони муҳиме чун сувари хаёл, тасвирпарзозӣ ва таҳкими ҷанбаҳои бадеӣ такя мекунад, вале дар романи таърихӣ риояи ҳадди эътидол дар тасвири воқеиятҳо амри зарурӣ ва муҳим шуморида мешавад. Ҳарчанд сувари хаёл аз ҷумлаи лузумоти эҷодӣ дар асари бадеист, аммо набояд ҳангоми иншои чунин осор дар корбурди он ба ифрот роҳ дода шавад. Дарки дурусти ҳамин меъёрҳо аз сӯи муаллиф барояш имкон додааст, ки чунин номутобиқатиҳоро дар романи "Ишқи Рудакӣ" дар мисоли чашм пӯшидан аз ҳақиқати таърих ҳангоми баёни ҳамлаи арабҳо ба Мовароуннаҳр, таъйини зодгоҳи устод Рӯдакӣ, ошкор ва танқид намояд. Ин шеваи нақду таҳқиқ дар аксари мақолаҳои маҷмуа риоят шуда, созгории навиштаҳои ноқидро ба меъёрҳои асосии мафҳум ва истилоҳи нақд, яъне ҷудо намудани сара аз носара собит мекунад.

Дар бахши назм низ силсилаи мақолаҳои фароҳамомада бо равишҳои хос ва диду назари фардии муллиф дар шинохти шеъри имрӯзи тоҷик ба қалам омадаанд. Ба таъбири дигар, метавон ин нуктаро изҳор дошт, ки Мисбоҳиддини Нарзиқул дар нақди шеър дар баробари усулҳои муътабари нақдушшеър дар қаламрави нақди имрӯзи ҷаҳонӣ аз равишҳои хосае ба кор мегирад, ки онҳо дар заминаи таҳқиқ дар вазни шеър, сохтору муҳтаво, сабки суханварӣ, суннат ва навоварӣ, таҷрибаҳо дар қолибҳои шеър муқаррар гардидаанд.

Дар ин маврид низ ҳамон шеваи матлуби дар бахши аввали китоб мушоҳидашуда мавриди истифода қарор гирифтааст, яъне масоили куллии марбут ба равандҳои шеъри муосири тоҷик, ба шумули шеъри ҷавонон ва як ғалати машҳур, шеъри арӯзи озод дар ҳавзаи адабии Тоҷикистон фарогири мабоҳиси куллии марбут ба шеъри имрӯз ҳастанд. Дар мақолоти дигар бошад, ашъори устод Лоиқ Шералӣ, шоироне чун Муҳаммад Ғоиб, Рудобаи Мукаррам, Баҳроми Раҳматзод ба унвони намояндагони ҷараёҳои шеъри имрӯз нақду баррасӣ шудаанд. Мақолаи "Ҳадя шоир чӣ бошад! Шеъри нав" бошад нақди муаллифро ба шеъру андешаи яке бунёдгузори шеъри нави форсӣ – Нимо Юшиҷ дар худ таҷассум намуда, паёме аз он ба мо мерасонад, ки нақду баррасиҳои анҷомдодаи муаллиф маҳдуд ба шеъри муосири Точикистон набуда, балки муаллиф шеъри имрӯзи моро дар паҳнои равандҳои пешқадами шеъри муосири форсӣ нақду таҳқик мекунад.

Бояд гуфт, ки шеваҳои хоси нақду баррасиҳои Мисбоҳиддини Нарзиқул роҷеъ ба шеъри имрӯз чанд вежагии муҳим доранд, ки аҳамияти онҳоро дар шинохти шеъри имрӯз ва арзишдоварии он муқаррар месозад. Дар навбати аввал муҳаққиқ бо риояти суннатҳои хоси нақду баррасӣ ва пажуҳишӣ дар ҳар мақолаи хеш пешинаи таҳқикро ба миён гузошта, мақолаву нигоштаҳои дар робита ба мавзуи меҳварӣ иншогардидаро тасниф ва масоили калидии онҳоро шарҳу тафсир мекунад. Ин шеваи матлуб ва муҳим агар дар навбати аввал барои дақиқ шудани ҳадафҳои таҳқиқии муаллиф муассир афтад, аз назари дигар доираи мутолеа, истифода аз равишҳои пешқадами таҳқиқ ва табаҳҳур аз мулозиҳоти муҳаққиқони дигарро аз сӯи муаллиф бозгӯӣ мекунад. Усули мазкур дар навбати хеш шореҳи равишҳои нақди салим ва собити адабист, ки муаллифи онро ба ҷодаи тавфиқ раҳнамоӣ хоҳад кард.

Дар пажуҳишҳои Мисбоҳиддини Нарзиқул масъалаи сабки фардии шоир дар мисоли шеъри устод Лоиқ низ хеле мушикофона баррасӣ шуда, таҳаққуқи фаҳмишҳои назарии он бо амал дар мисоли шеъри ин суханвари соҳибназари мо тафсир ёфтааст. Вусъати андеша, таҳлилҳои пурдомана ва сарчашмашиносии таҳқиқи масъала барои муаллиф имкон додаанд, ки дар муайян кардани сабки шахсии устод Лоиқ ба сурати шоён иқдом намояд. Воқеn, бо он ки то кунун пажуҳишҳои зиёде роҷеъ ба шеъру андешаи устод Лоиқ анҷом шудаанд, вале тарҳи куллии масъалаи шинохти сабки фардии ӯ дар пайванд ба гузари замон, шеваҳои нигориши роиҷ дар шеъри давр ё ба сабки шеъри тоҷикии садаи XX бори аввал бо чунин густардагӣ ва

чандпаҳлуии пажуҳиш ҷараён гирифтааст. Махсусан, аз баррасии доираи сабки куллии шеъри замони зиндагӣ ва эҷоди устод Лоиқ натиҷагирӣ намудан ва мушаххас кардан вежагиҳои сабки шахсӣ ва ё фардии ӯ баҳси ҷолибест, ки самараҳои дақиқу аниқ ва қобили таваҷҷуҳ ба бор овардааст. Бар ин асос бо ҷамъбандиҳои баҳси сабки шеъри замон Мисбоҳиддини Нарзиқул ба ин натиҷа расидааст, ки “Тибқи қоидаи маъмул мушаххасоти сабкиро аз се нигоҳ, забонӣ, фикрӣ ва адабӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд, вале мо дар ин баррасии хеш ба шохисаҳои сабкии шеъри устод Лоиқ асосан аз нигоҳи забонӣ ва адабӣ наздик мешавем, чунки ба назари мо, ду омили мазкур дар муаян кардани сабки шахсии шоир беш аз дигар омилҳо зарууртаранд” [1, с.228].

Ҳамин тавр, дар таъйини сабки фардии устод Лоиқ дар доираи мухтассоти забонии шеъри ӯ корбурди истилоҳот ва луғоти омиёна, вожасозии шоирона, вожаҳои нав нақши меҳварӣ касб намуда, хусусиёти адабии сурудаҳои шоир аз дидгоҳи сувари хаёл, таҷрибаҳои ҳунарӣ дар анвои шеърӣ, шеваҳои хосу шоиронаи корбурди вожагон дар мақоми қофия ва радиф ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Афзудаист, ки Мисбоҳиддини Нарзиқул роҷеъ ба зиндагинома, баррасӣ ва нақди шеъру андешаи устод Лоиқ китобе ҷудогонае бо номи “Фуруғи ҳастӣ”[4] ҳам таълиф кардааст, ки ҳанӯз соли 2002 ба нашр расидааст. Пажӯҳишҳои вориди китоби “Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир” [1] бошад идомаи силсилатанақдҳои ӯ дар бораи шеъри устод Лоиқ мебошанд, ки мабоҳиси тозаи дигар дар он онҳо ҷой гирифтаанд, ки намунааш баррасии вежагиҳои сабки фардии шоир аст. Афзун бар ин дар нақдҳои дигари дар иртибот ба шеъри устод Лоиқ анҷомдодаи Мисбоҳиддини Нарзиқул масоиле чун танаввуи сохтории анвоъи шеър, ҳунари шоирӣ дар истифодаи қолибҳои шеърӣ, шеъри суннатӣ ва нав, ибтикорот дар ғазал, шеваҳои корбурди авзони шеърӣ, ҷойгоҳи бузургони сухан дар оинаи шеъри суханвар ва амсоли ин матраҳ шудаанд, ки доираи пурвусъати пажӯшиҳои ӯро бозгӯи карда, таҳқиқоташро ба унвони корномаҳои муҳим ва аришманд дар шинохти шеъру андеша ва сабки суханварии устоди назми муосири тоҷик муаррифӣ месозанд. Бешак, чунин густардагӣ ва фарохии тарҳи масъалаҳои мавриди таҳқиқи муаллиф дар нақди шеъри Лоиқ Шералӣ барои пажуҳишгарони ҷавон, ононе, ки ба нақду баррасии шеъри ин шоири пешгоми адабиёти муосири мо таваҷҷуҳ доранд, раҳнамоиҳои фаровону шоистаеро манзур хоҳад кард, то дар кашфи дигар паҳлуҳои азамат ва нубуғи шоиронагии ӯ қадам бардоранд.

Дар иртибот ба чунин пажуҳишҳои анҷомёфта метавон ба як вежагии муҳими силсиланақдҳои Мисбоҳиддини Нарзиқул ишорат кард, ки он ҳам мабоҳиси ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳ дар бораи вазни шеър ва мушкилоти он ба шумор меравад. Дар аксари нақдҳои роҷеъ ба шеъри имрӯз сомондодаи ӯ баҳси авзони шеърӣ ҷойгоҳи махсус дорад, зеро воқеан шояд ба сабаби мушкилот ва душворӣ дар кори маърифати он мавзуи авзони шеърӣ дар адабиётшиносии тоҷик хеле кам таҳқиқ шудааст. Таҷрибаҳои шоистаи тадриси фанни “Назмшиносӣ” дар донишгоҳ, таваҷҷуҳи амиқ ба масоили назарии омӯзиши он ва иншои чанд китоби арзишманд роҷеъ ба вазни шеъри тоҷикӣ дар баробари муаррифии ӯ ба унвони яе аз пажуҳгарони пешсафи масоили назарии авзони шеърӣ самараҳои матлуби корашро дар таъйини бурду бохти шеъри имрӯз аз назари сохторшиносӣ ва истифодаи авзони мутаводили шеърӣ, таҷрибаву тозакорӣ ва нуқсу норасоиҳо муқаррар месозанд. Мусаллам аст, ки бештари маврид ғалатхое, ки дар шеъри шоирони имрӯз сар мезанад, ба масъалаи вазни шеърӣ марбутанд, ки дар аксар мақолаҳои дар нақди шеъри муосир ба қалам овардаи Мисбоҳиддини Нарзиқул ин мавзуъ матраҳ шудааст. Ҳатто дар мақолаи “Назаре ба шеъри ҷавонон ва як ғалати машҳур” муаллиф нодуруст шикастани мисраъро дар вазни арӯзи озод ё худ шеъри нимоӣ дар шеъри наслҳои мухталиф ба унвони ғалати машҳур муаррифӣ мекунад ва маълум аст, ки ин иштибоҳи роиҷ ҳам ба таври куллӣ ба вазни шеър рабт мегирад. Агарчӣ мақолаи мазкур соли 2009 дар заминаи як суханронии муаллиф дар ҷаласаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба қалам омада, шеъри насли ҷавонони давраи даҳсолаи аввали қарни XXI-ро фаро мегирад, вале бегумон мулоҳизоти нигорандаи он барои наслҳои имрӯз низ ҳукми машваратҳои судмандеро соҳиб аст, ки насли имрӯз метавонанд аз он дидгоҳҳо дар такмили сохториву ҳунарии шеъри худ баҳраманд бошанд. Баробари ин, баҳси заминаҳои зуҳури арӯзи озод дар ҳавзаи адабии Тоҷикистон ва раванду майлонҳои он низ дар идомаи баррасиҳои боло аз ҷумлаи масъаҳои меҳварии нақду баррасиҳои муаллифи китоб ба шумор меравад, ки дар баробари бозгӯии муҳим будани таҳқиқи он бурду бохти шоирони имрӯз дар самти эҷоди чунин навъи шеърӣ мушаххас гардидааст. Баҳс аз шеъри “Марши ҳуррият”-и устод Айнӣ ва муқаддамии

таълифи он аз "Афсона"-и Нимо Юшиҷ оғоз ёфта, баъдан тағироти шаклии Пайрав Сулаймонӣ дар ашъори ғиноӣ ва зуҳури навпардозиҳои ӯ дар заминаи вазни арӯз баррасӣ шудаанд. Дар умум, муаллиф аз ин баррасиҳои муқаддамотии мақола ба хулосае расидааст, ки "кӯшишҳои навҷуёнае, ки устоди аллома Садриддин Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ ва ҳамсафони эшон дар заминаи сохтори шеър ба амал овардаанд,хориҷ аз мабҳаси шеъри нимоӣ буда, дар натиҷаи ошноии онҳо ба шеъри урупоии оғози садаи бист, аз ҷумла шеъри русӣ ва оҳангҳои инқилобии ҷаҳонӣ ба миён омадаанд[ 1, с.272].

Дар идома муаллиф ба нақду баррасии идомаи кушишҳои навпардозона ва таҷрибаҳои ҳунарии шоирони ба таъбири худи ӯ "тозанафасе ба монанди Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор" дар шеъри арӯзи озод руҷҳон шудааст. Таҳқиқоти ӯ муқаррар кардааст, ки дар ин росто низ устод Лоиқ аз ҷумлаи мубтакирони пешсаф эътироф гардидааст. Муаллиф ин дидгоҳро бо такя бар нақду назарҳои устодони шеъри муосири Муъмин Қаноат ва Гулназар шарҳу баён мекунад. Аз ҷумла, ин назари баланди устод Муъмин Қаноатро ҳамчун ҳукми талаботи шеъри нимоӣ дар он рӯзгор чунин меоварад: "Ба андешаи Муъмин Қаноат низ "яке аз намояндагони соҳибистеъдоди... шеъри нав Лоиқ аст. Шакли шеъри ӯ ба ҷунбини фикр ва дараҷаи эҳсосаш мувофиқати кул дорад" [1, с.273 ].

Дар мақолаи "Гиряҳо ва хандаҳои шоиронаи Баҳроми Раҳматзод"[1, с.287-303]низ равишҳои ба худ хоси нақду баррасии муаллиф дар шинохти шеър ба мушоҳида мерасанд. Ӯ шеъри як тан намояндаи насли ҷавонони шоирро аз дидгоҳи корбурди авзон ва қолабҳои шеърӣ, саноеи бадеӣ, сувари хаёл, мазмуну муҳтаво, суннат ва навоварӣ, коргоҳи эҷодӣ ба риштаи нақду баррасӣ кашида, бар ин асос дидгоҳҳояшро роҷеъ ба тамоми паҳлуҳои шеъри шоир баён кардааст. Дар 13 банд натиҷагирӣ шудани мулоҳизоти муаллиф дар бораи вежагиҳои шеъри як нафар шоири ҷавон худ далели возеҳи нақди пурвусъат ва ҳамаҷонибаи ӯст, ки тамоми паҳлуҳои эҷодии Баҳроми Раҳматзодро ҳамчун намояндаи на танҳо шоирони ҷавон, балки шеъри имрӯзи тоҷик фаро гирифтааст.

Бахши савуми китоб мақолотеро фаро мегирад, ки дар нақди нақди адабӣ ва адабиёшиносӣ ба қалам омадаанд. Бо такя бар ин мақолаҳо ва дигар навиштаҳои муаллиф метавон изҳор дошт, ки ӯ дар нақди нақд низ аз ҷумлаи пешсафон ба шумор меравад, ҳол он ки дар ҳақиқат ин тамоюли муҳими нақди адабӣ имрӯз ба такмилу тарвиҷ ниёз дорад.

Баҳсҳои марбут ба сирқоти адабӣ, масъалаҳова мушкилоти нақди адабии муосир тарҳи муҳим ва заминаҳои назарии масоили зарурии марбут ба нақди адабиро шарҳу тавзеҳ дода, дар умум оинаи нақди адабии муосиро равшан бозгӯӣ намудаанд. Чанде аз мақолоти шомили ин бахш ҳосили суханрониҳои илмии муаллиф дар ҷаласаҳои иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошанд, ки роҷеъ ба мақолоту тақризҳои чопшуда оид ба нақди адабӣ дар саҳифаҳои нашрияҳои "Адабиёт ва санъат", "Садои Шарқ" буда, дар умум манзараи куллии нақди адабӣ ва адабиётшиносии кишварро равшан сохтаанд. Дар баробари баррасии саҳми устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҷоди ташаккули адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ дар солҳои (2016-2020) ду мақола бевосита ба таҳқиқи нақши ду нафар адабиётшинос ва мунаққиди варзидаи тоҷик Худоӣ Шарифозода ва Абдунабӣ Сатторзода ихтисос ёфтаанд, ки ҳамагӣ фаъолиятҳои пурдоманаи муаллифи китобро дар самти нақди нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ бозгӯӣ мекунанд.

Дар умум, мутолеаи китоби "Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабиёти муосир"-и Мисбоҳиддини Назриқул ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки бо таълиф ва нашри он муаллиф асари шоистаеро бо фарогирии тамоми паҳлуҳои нақди адабӣ: нақди шеър, нақди наср ва нақди нақд ба қалам овардааст. Бо иншои китоби мазкур, ки фарогири равандҳои фаъолияти ноқидии муаллифи он дар давоми бештар аз бист соли охир мебошанд, муаллифии он чеҳраи худро ҳамчун намояндаи муваффақи се шохаи адабии нақд: нақди шеъру нақди наср ва нақди нақд муаррифӣ намудааст.

Мулоҳизаҳои муаллиф дар ҳар бахши он бо диди дигар ва шеваи хоси худи ӯ баён шуда, масъалаҳои меҳварӣ аз зовияҳои меъёрҳои мутаккӣ ба таҷрибаҳои пешқадами нақди адабии ватанӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин ҳосили ҷустуҷуву ковишҳо ва тамоюлҳои эҷодии худи муаалиф баррасӣ гардидаанд. Махсусан, нақду баррасии роман дар адабиёти муосири тоҷик дар силсилаи мақолаҳои бахши аввали китоб дар пайванди ҳадафмандонаи худ як таҳқиқи комилро дар бораи таҳаввули ин навъи насри тоҷикӣ дар замони истиқлоли миллӣ ба вуҷуд овардаанд. Андешаву афкори судманди муаллиф дар нақди шеъри муосир, сарчашмашиносӣ ва ҷараёнҳои нави шеърӣ ва заминаҳои зуҳури он, авзони шеърӣ ва мушкилоту муаммои он, сувари хаёл,

суннат ва навоварӣ, таҷрибаҳои ҳунарӣ, сабки таълиф ва сабки фардӣ низ шоистаи таъкиданд, ки ҳамагӣ бар мабнои вусъати назари муаллиф баён шуда, дар умум равандҳои шеъри мусири тоҷикро дар пайванд ба шеъри ҳамзабонон ва ҷаҳон бозгӯӣ ва фаро мегиранд. Шеваи дигари қобили таваҷҷуҳи муаллиф дар он зоҳир мешавад, ки дар ҳар мақола пешинаи таҳқиқи масъалаи мавриди назар ба таври мушаххас баррасӣ шуда, тамоюлҳои дақиқи пажуҳишии ӯ муайян гардидаанд. Ба назари мо, китоби мавриди нақд воқеан посухест ба он иддаҳо, ки имрӯз нақди адабии тоҷик дар пояи худи адабиёт қарор надорад, яъне бо мутолеаи ин китоб мо бо итминон метавонем изҳор дорем, ки дар баробари пешрафтҳои назму насри имрӯз нақди адабӣ низ дар ҳоли рушду такомул аст ва дидгоҳҳу равишҳои хоси шинохти шеър, нақду баррасии он шакл гирифта истодаанд.

## ПАЙНАВИШТ:

1. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир/Н.Мисбоҳиддин.- -Душанбе: Аршам, 2022.- 406 с.
2. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Ҷойгоҳи сухан/Н.Мисбоҳиддин.-Душанбе: Адиб,2006.- 224 с.
3. Нарзиқул, Мисбоҳиддин.Муқаддимаи шеършиносӣ (вазни шеър)/Н.Мисбоҳиддин.-Душанбе: Сино, 2004.- 80 с.
4. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Фурӯғи ҳастӣ (зиндагинома, баррасӣ ва нақди ашъори Лоиқ) Душанбе: Адиб, 2002.- 120 с.

## REFERENCES:

1. Narziqul, Misbohiddin. Poems in modern prose and poetry. - Dushanbe: Arsham, 2022. - 406 p.
2. Narzikul, Misbohiddin. Place of speech. - Dushanbe: Adib, 2006. - 224 p.
3. Narzikul, Misbohiddin. Introduction to poetry (weight of poetry). - Dushanbe: Sino, 2004.- 80 p.
4. Narzikul, Misbohiddin. Radiance being(biography, review and review of Laiq's poems) Dushanbe: Adib, 2002.- 120 p.